***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати диссертатсияи Султонов Муҳаммадато Исоевич дар мавзуи «Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ.***

Матбуот яке аз муҳимтарин василаҳои иттилоот ва тарбияи маънавии насли башар маҳсуб мешавад. Ҳарчанд ин василаи ташаккули офкор дертар – 11.03.1912 дар сарзамини тоҷикон шакл гирифта бошад ҳам, вале дар як марҳилаи кӯтоҳ матбуот рушду нумуи комил пайдо намуда, дар замони бозсозӣ аз маҳдудаи идеологӣ то андозае берун шуд; нашрияҳои ҳизбӣ шакл гирифтанд ва гуногунфикрӣ ба таври расонаӣ густариши чашмгир пайдо кард. Яке аз чунин нашрияҳое, ки ҳосили даврони гуногунандешии миллати тоҷик аст, нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Садои мардум” мебошад.

Ин нашрия, ки дар вопасин рӯзҳои ҳокимияти Шӯравии собиқ арзи ҳастӣ намудааст (Қарори Раиси Шурои олии РСС Тоҷикистон аз 29.08.1990.) дар воқеъ минбари афкори омма, таҳлилгари вазъияти иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодию фарҳангӣ ва умуман рӯзгори миллати тоҷик мебошад. Вале бо гузашти 35 сол аз фаъолияти густурдаи он ин нашрия ба таври диссертатсионӣ таҳқиқ нашуда буд.

Бо фаро расидани истиқлоли сиёсӣ дар кишвари мо роҳ барои рушди ВАО ва махсусан матбуотпажӯҳӣ низ ҳамвор шуда, дар баробари дигар соҳаҳо илми публитсистикаи тоҷик низ ҷон гирифт. Таҳқиқоти диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич низ аз зумраи он пажуҳишот мебошад.

Аз мутолиаи автореферат бармеояд, ки муқаддимаи он тибқи талабот шакл гирифта, аз се бахш: Мубрамии мавзуи таҳқиқ; Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ; Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ иборат мебошад. Диссертант дар ин бахшҳо мавзуъ ва муҳияти омӯзиши он, дараҷаи таҳқиқ, омилҳои то имрӯз анҷом нашудани корҳои диссертатсионӣ ва дигар масъалаҳоро баррасӣ намудааст. Инчунин дар қисмҳои Тавсифи умумии таҳқиқ, Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, Қисми асосии таҳқиқ ва Хулоса хусусиятҳои таҳқиқ, навгониҳо ва натиҷаҳои кори илмӣ қаламдод шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «Омилҳои пайдоиш ва ташаккули нашрияи «Садои мардум»» ном дошта, аз ду фасл таркиб ёфтааст. Диссертант дар ин боб заминаҳои пайдоиши нашрияи парлумонӣ, равандҳои таърихӣ ва дигар

масъалаҳои марбут ба нашрияро баррасӣ намуда, раванди ташаккули онро бозтоб додааст.

Боби дуюм бошад «Вижагиҳои шаклию мундариҷавии нашрия» унвон гирифта, низ аз ду фасл иборат мебошад. Дар ин боб, қолабҳои нашриясозӣ, мавзуъҳои баррасишаванда, баррасии қонунҳо, нашри фармону қарорҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии нашрия баррасӣ шудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Таносуби жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Садои мардум»» ном дошта, аз се фасли асосӣ таркиб ёфтааст. Дар ин фасл диссертант унсурҳои жанрҳои публитсистӣ, истифодаи онҳо дар кори нашрияи парлумонӣ ва вижагиҳои онҳоро таҳлилу таҳқиқ кардааст.

Султонов М.И. дар ҷараёни пажӯҳиш маводи хеле зиёд ва арзишманде доир ба нашрияи парлумонии «Садои мардум» гирд оварда, андешаҳои хешро низ доир ба нуктаҳои муҳими матбуоти даврии тоҷик ва нақшу хусусияти ин нашрияи муҳими кишвар бо таҳлилҳои илмӣ баён намудааст. Нуктаи муҳим ин ки ҷанбаи илмии автореферат қавӣ буда, муаллиф барои таълифи пажуҳиши мазкур бевосита бо сарчашмаи аслӣ кор кардааст.

Автореферат бо забони хеле хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки муаллифи он тамоми ҷанбаҳои корро омӯхта, заҳмати зиёде кашидааст, то ки дар атрофи ин мавзуъ кори илмии судманде ба сомон расонад. Агар аз як ҷиҳати омӯзиши ӯ боис шуда бошад, аз ҷониби дигар таҷрибаи бузурги диссертант дар самти кори парлумонӣ ӯро боз ҳам ба мавзуъ мусаллаттар гардонидааст.

Дар автореферат дар радифи комёбиҳои фаровони илмӣ баъзе норасоиҳо ҷой доранд, ки ба андешаи мо ислоҳи онҳо кори илмиро комилтар месозад. Аз ҷумла:

1. Дар адабиёти истифодашуда нашми алифбоӣ баъзан иштибоҳ шуда, гоҳе номи муаллиф ва гоҳи дигар номи китоб оварда шудааст. Махсусан адабиёти рақами 2 чунин ҳолат ба назар мерасад.
2. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 5, 11, 12, 23) ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

Албатта, ин навъ иштибоҳот хусусияти техникӣ ва ҷузъӣ дошта, ба ҳеҷ сурат арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори илмиро ноқис намекунад.

Мазмун ва мухтавои фишурдаи таҳқиқот, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст ба ҳамдигар мувофиқат дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 6 адад мебошанд, пурра инъикос мекунанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Султонов Муҳаммадато Исоевич дар мавзуи «Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

**Муқарриз:**

номзади илми филология,
муовини Директори Муассисаи давлатии
“Китобхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи
иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Атозода М.И.
«05» апрели соли 2025.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи С. Айнӣ 72/а, хонаи 7.
Тел.: (+992) 93-425-26-55
E-mail: m-iqbol-87@mail.ru

Имзои Атозода Муҳаммадиқбол Имомиддинро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МД “Китобхонаи миллӣ”-и Дастгоҳи иҷроияи
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Исломов А.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 5.
Телефон: (+992-37) 221-89-90; факс: (37) 221-02-35.
E-mail: info@kmt.tj
«05» апрели соли 2025.